«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ
н.и.ф., дотсент Назар М.А.
_____
04.05. 2022

ХУЛОСАИ
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Диссертатсияи рисолаи номзадии Зокиров С.И. дар мавзӯи «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ дар шӯъбаи Фалсафаи иҷтимоии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба анҷом расида, ба яке аз мавзуоти мубрами имрӯз дар сатҳи ҷомеаи муосири Тоҷикистон бахшида шудааст.

Дар раванди омода намудани диссертатсия Зокиров С.И. аспиранти шӯъбаи Фалсафаи иҷтимоии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маҳсуб меёфт.

Соли 2017-2021 дар аспирантураи шуъбаи Фалсафаи иҷтимоии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳсил намудааст.

Зокиров С.И. соли 2015 факултети фалсафаи Донишгоҳи Миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси «Кори иҷтимоӣ» хатм намудааст.

Роҳбари илмӣ –Усмонзода Хайридин Усмон, доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ.

Диссертатсияи рисолаи номзадии Зокиров С.И. дар мавзӯи «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ ба яке аз масъалаҳои актуалии омӯзиши ҳаёти маънавии ҷомеаи муосири Тоҷикистон бахшида шудааст.

Зарурияти таваҷҷуҳи мо ба тадқиқи масъалаи мазкур аз он бармеояд, ки дар раванди соҳибистиқлолӣ дар кишвари мо дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Аз ҷумла, дигар гардидани сохти сиёсӣ, дигаргуниҳо дар соҳаи иқтисодиёт, ба монанди ғайридавлатикунонии корхонаҳо, рушди бахши хусусӣ ва бунёди корхонаҳои нав, дигар гардидани сохтори иҷтимоӣ, ба вуҷуд омадани гурӯҳҳо ва қишрҳои нави иҷтимоӣ, дигар гардидани тарзи ҳаёт, дигаргуниҳои тамоюлҳои арзишӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёту фарҳанг, дигаргуниҳо дар худшиносии инсонҳо ва ҳувияти миллӣ, этникӣ ва иҷтимоии онҳо ва ғ.

Ҳамаи ин ба маънавиёти ҷомеа таъсири худро дар шаклҳои гуногун расонид. Баъзе аз онҳо агар ба ҳаёти маънавии ҷомеа таъсири мусбат расонида бошанд, баъзеи дигар аз таъсироти манфӣ ба он холӣ набуданд.

Муаллифи диссертатсия таъкид менамояд, ки бо вуҷуди ин вазъи иҷтимоӣ-фарҳангии замони муосир дар худ масъала ва равандҳои гуногунро касб намудааст, ки онҳо аз буҳронҳои гуногун, афзоиши падидаҳои номатлуби тундгароиву ифротгароӣ, рақобатҳои фарҳангӣ ва ғайра иборат мебошанд. Дар ин замина ҳаёти ҷамъиятии замони имрӯза хеле пуртазод ва мураккаб сурат мегирад ва аксар маврид ҳодисаҳои дар он баамаломада хусусияти ғайриинтизорӣ ва аҳёнан пешгӯинашавандаро доранд. Бинобар ин, шуури ҷамъиятӣ, аз ҷумла сатҳи психологияи

ҷамъиятии он қобилияти ин дигаргуниҳоро на ҳамеша имконияти саривақт пайгирӣ карданро надошта, аксар маврид барои худ пайравӣ аз стратегияи мутобиқшавиро ба ин тағйиротҳо афзалият медиҳад. Вале, новобаста аз ин ҷараёнҳо қабати фаъоли шуури ҷамъиятӣ ба ин равандҳо ҷавоби муносиб медиҳад.

Ҳамин тавр, ҳадафи асосии таҳқиқот ин таҳлил ва баррасии арзишҳои маънавӣ дар равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

- муайян намудани мақом ва шарҳи муҳтавои мафҳуми арзишҳои маънавӣ;

- таҳлили хусусиятҳои асосии интиқол ё паҳншавии арзишҳои маънавӣ дар фазои ҷамъиятӣ;

- муайян намудани роҳҳо ва усулҳои таъсири арзишҳои маънавӣ ба тамоюлоти рушди ҷомеа;

- баррасии зарфияти таъсири арзишҳои маънавӣ ба ташаккули ҳаёти иҷтимоӣ дар шароити муосир;

- муайян кардани омилҳое, ки ба риоя нашудани арзишҳои маънавӣ дар рафтори баъзе аз гурӯҳҳо ва умумиятҳои иҷтимоӣ сабаб мешаванд;

- баррасии меъёру ченакҳои арзёбии сатҳи риояи арзишҳои маънавӣ дар муносибату рафтори иҷтимоии аъзои ҷомеа;

- баррасии хусусияти тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истеҳком бахшидани мақоми арзишҳои маънавӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ.

Навовариҳои илмӣ-таҳқиқотии рисолаи мазкур чунин баррасӣ мешаванд:

Навоварии илмии таҳқиқот ба таҳлили асосҳои назариявии масъалаи ташаккули арзишҳои маънавӣ асос ёфта, дар рисола бори аввал хусусияти зуҳури арзишҳои маънавӣ дар ҳаёти ҷамъиятии даврони соҳибистиқлолии кишварамон таҳлили худро пайдо кардааст. Дар баробари ин:

- моҳияти арзишҳои маънавӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию фарҳангӣ асоснок карда шудааст;
- таҳаввули диду назарҳои илмӣ оид ба моҳияти арзишҳои маънавӣ баррасӣ карда шудааст;
- -омилҳои муҳимми таъсиррасон ба ташаккули арзишҳои маънавии афрод дар муҳити ҷомеаи тағйирёбанда нишон дода шудааст;

- бори аввал ба гардиши илми фалсафаи иҷтимоӣ баррасии мақоми арзишҳои маънавӣ дар муҳити хоси фарҳангию иҷтимоӣ ворид гардидааст;

- алоқамандии ҳастии арзишҳои маънавӣ ва муносибатҳои истеҳсолии ҷомеа дар шароити муосир нишон дода шудааст;

- муайян шудааст, ки ташаккулёбӣ ва ҳастии арзишҳои маънавӣ аз вижагиҳои мушаххаси муҳити муайяни фарҳангӣ вобастагӣ дорад;

- нақши арзишҳои маънавӣ барои паст кардани шиддати якхелакунонӣ ва умумикунонии ҳамаи шаклҳои фаъолияти ҳаёт дар раванди ҷаҳонишавӣ нишон дода шудааст;

- таносуби шаклҳои зуҳури арзишҳои маънавӣ вобаста ба муҳитҳои хоси фарҳангӣ ва тамоюлоти рушди ҷомеаҳо возеҳ баён гардидааст;

- бори аввал замина ва омилҳои риоя нашудани баъзе аз арзишҳои маънавӣ дар рафтору муносибати аъзои ҷомеа вобаста ба хусусиятҳои иҷтимоӣ ва фардии онҳо таҳлил шудааст.

Дар хулоса, натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбандӣ гардидаанд. Дар охири диссертатсия баррасии натиҷаҳои илмӣ ва тавсияҳои муаллифи он дарҷ ёфтааст.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмии муалиф ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат менамояд.

Интишороти илмии муалиф, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М] Зокиров, С. Ҷойгоҳи маънавиёт дар ҷомеаи муосир [Матн] / С. Зокиров // Ахбори ИФСХ АИҶТ. – 2019. – №1. – С.56-59.

[2-М] Зокиров, С. Ташаккули тарбияи эстетикӣ омили рушди фарҳанги маънавӣ [Матн] / С. Зокиров // Фарҳанг ва санъат. – 2019. – №4. – С.45-51.

[3-М] Зокиров, С. Анъанаҳои маънавӣ ва нақши онҳо дар ҳаёти ҷомеа" [Матн] / С. Зокиров // Гузоришҳои АМИТ. – 2020. – №4. – С.20-23.

[4-М] Зокиров, С. Мероси фарҳангӣ ва ташаккули маънавиёти ҷомеаи муосир дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / С. Зокиров // Фарҳанг ва санъат. – 2020. – №2. – С.33-39.

[5-М] Усмонзода Х.У.,Зокиров С.И. Нақши арзишҳои ахлоқӣ дар рушд ва суботи ҷомеа дар шароити муосир (Матн) Усмонзода Х.У., Зокиров С.И. //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.- 2022.- №1 (5).

Дар муҳокима иштирок карданд: д.и.ф. Ҳайдаров Р.Ҷ., д.и.ф., профессор Сайфуллоев Н.М., д.и. сотс.Шоисматуллоев Ш.,д.и.ф Мирзоев Ғ.Ҷ. ва д.и.ф. Маҳмадҷонова М.Т.

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:

1.Диссертатсияи Зокиров Суҳроб Ибодович дар мавзӯи «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09 .00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ ба ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА. - 029 пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар маҷлиси васеи Шӯрои олимони Институти фалсафа,

сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул гардидааст.

Дар маҷлис 25 нафар иштирок намуданд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: тарафдор– 24 нафар., муқобил нест ., бетараф 1 нафар.

Протоколи №5 аз 29.04.2022.

Раиси маҷлис Назар М.А.

Котиби маҷлис Саидҷафарова П.Ш.

Муқарризони холис: СаидовА. С.

Арифджанова Н.Р.

Имзои Назар М.А., Саидҷафарова П.Ш., Саидов А.С. ва Арифджанова.-ро тасдиқ менамоям.

Нозири калони Шӯъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ Шозедов Х. Н.